**Қарори №11**

Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 022-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иштирок доштанд:
Аз 27 нафар аъзо Шӯрои
диссертатсионӣ 20 нафар,
аз рӯйи ихтисос 5 нафар

аз 9 ноябри соли 2018

**Рӯзнома:**

1. Дар бораи иҷозат додани диссертатсияи Бобоҷонова Мутриба Султоновна дар мавзӯи «Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилоятӣ» (дар мисоли нашрияҳои вилояти Суғд) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6D050300–рӯзноманигорӣ, бо ихтисоси илмии 10.01.10 – Журналистика (роҳбари илмӣ д.и.ф. Бобоҷонова Ранохон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба ҳимоя;

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Саъдуллоев Ҷ.М. дар бораи мавҷуд будани коркард ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иҷозат додани диссертатсия ба ҳимоя.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, Гулназарова Ж.Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи М. Бобоҷонова – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст. Хулосаи комиссияи ташхис бо имзои аъзоёни комиссияи ташхис вуҷуд дорад.

Бинобар ин барои иҷозат додани диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Бобоҷонова Мутриба Султоновна дар мавзӯи «Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилоятӣ» (дар мисоли нашрияҳои вилояти Суғд) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 6D050300–рӯзноманигорӣ, бо ихтисоси илмии 10.01.10 – Журналистика (роҳбари илмӣ д.и.ф. Бобоҷонова Ранохон) ба ҳимоя иҷозат дода шавад;
2. Донишгоҳи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда пешниҳод шавад;
3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ доктори илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи ВАО - и чопӣ ва PR - и муассисаи таълимии байни давлатии маълумоти олии Донишгоҳи (славянӣ) Руссия ва Тоҷикистон Муллоев Шариф Боқиевич ва номзади илми филология, муовини сармуҳаррири рӯзномаи «Баҳори Аҷам» Раҳимҷонов Хушдилҷон Умарқулович таъйин карда шаванд;

4. Таърихи рӯзи ҳимоя 21.02.2019 муайян карда шавад.

5. Барои гузоштани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва сомонаи КОА назди Президенти ҶТ иҷозат дода шавад

6. Барои чопи авторнферат ба микдори 100 нусха иҷозат дода шавад

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор – 20 нафар, зид, бетараф – нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, профессор Саъдуллоев Ҷ.М.

Котиби илмии Шӯро,
номзади илмҳои филология, дотсент Гулназарова Ж.Б.